Бо фармони Вазири меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21.12.2004, №217
тасдиқ шудааст.

**ТАРТИБИ**
**кушодани ихтисоси нав дар муассисаҳои**
**таълимии таҳсилоти ибтидои касбӣ**

1.Ихтисоси нав дар базаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ), минбаъд - муассисаи таълимӣ, бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба касбу ихтисосҳои нав дар иртибот ба талаботи бозори меҳнат, аз ҷумла корхонаҳои алоҳида, хоҷагиҳои деҳқонӣ, марказҳои шуғли аҳолӣ ва ғайра кушода мешавад.

2.Ихтисоси нав тибқи дархости маъмурияти муассисаи таълимӣ баъд аз санҷидани ҳолати воқеии омодагӣ барои кушодани ин ихтисос бо иҷозати мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ кушода мешавад.

3.Номгӯи ихтисоси кушодашаванда бояд ба Феҳрасти касбу ихтисосҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2002 «Дар бораи тасдиқ намудани Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардидааст, мувофиқат кунад. Ҳангоми дар Феҳрасти мазкур набудани номи ихтисоси кушодашаванда, ихтисоси мазкур баъди аз давраи озмоишӣ гузаштанаш аз ҷониби мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи тартиби муқарраргашта ба ин Феҳраст ворид карда мешавад.

4.Татбиқи ихтисоси нав дар муассисаи таълимӣ баъди иҷозати мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва гирифтани иҷозатнома ё летсензия аз мақоми дахлдор оид ба аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешавад.

5.Муассисаи таълимӣ барои кушодани ихтисоси нав ба мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- Мактуби асосноки директори муассисаи таълимӣ бо нишондоди мушаххаси номгӯи касбу ихтисосе, ки кушодани он ба нақша гирифта шудааст ва теъдоди қабули хонандагон барои солҳои пешомад;
- Дархости ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ субъектҳои хоҷагӣ ва маркази шуғли аҳолӣ бо нишондоди мушаххаси теъдоди кадрҳои лозима барои солҳои пешомад ва номгӯи ихтисос. Муассисаи таълимӣ метавонад дар заминаи натиҷаи арзёбии талаботи бозори маҳаллии кушодани ихтисосро асоснок намояд;

- Нақшаю барномаҳои таълимӣ аз рӯи ихтисоси кушодашаванда, ки аз ҷониби сохтори дахлдори мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тасдиқ гаштаанд;
- Санад дар бораи номгӯи ҷузъҳои заминаи моддию техникии таълимӣ (кабинетҳои фаннӣ, технологӣ ва таҷҳизоти онҳо, устохонаи таълимӣ ва таҷҳизоти он, дастгоҳҳо, асбобҳо ва техникаҳои таълимӣ) барои ихтисоси кушодашаванда, мутобиқи нақшаю барномаи таълимӣ. Санади мазкур аз ҷониби директор, муовини директор оид ба таълими истеҳсолӣ ва сарустои муассисаи таълимӣ, инчунин намояндаи сохтори дахлдори ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (барои вилоятҳои МКБ, Суғд ва шаҳри Душанбе) имзо карда мешавад;
- Санад дар бораи номгӯи китобҳои дарсӣ барои фанҳое, ки дар доираи ихтисоси кушодашаванда омӯхта мешаванд бо инъикоси нишондодҳои библиографӣ ва теъдоди онҳо. Санади мазкур аз ҷониби директор ва муовини директор оид ба таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, инчунин намояндаи сохтори дахлдори ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (барои вилоятҳои МКБ, Суғд ва шаҳри Душанбе) имзо карда мешавад;
- Рӯйхати заминаи кадрии ихтисоси нав: кадрҳои муҳандисию педагогӣ бо инъикоси нишондодҳои кадрии онҳо (ному насаб, соли таваллуд, сатҳи таҳсилот, ихтисос, таҷрибаи корӣ);
- Нусхаи Шартномаи ҳамкорӣ бо субъекти хоҷагӣ (новобаста аз шакли моликият), ки барои онҳо кадрҳои коргарӣ тайёр карда мешаванд (дар ҳолати тибқи дархости субъекти хоҷагӣ тайёр намудани кадрҳо);
- Нусхаи Шартномаи истифодабарии базаи техникӣ ва потенсиали кадрии корхонаву ташкилотҳои алоҳида дар ҷараёни таълими назариявӣ ва таълим ва фаъолияти истеҳсолӣ (дар ҳолатҳои пеш омадани зарурат).

6. Асноди тибқи банди 5-и ҳамин тартиб аз ҷониби муассисаи таълимӣ пешниҳодшаванда дар муддати то 2 моҳ аз ҷониби сохтори ваколатдори мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ баррасӣ гашта, ҷавоби мушаххас ба унвони муассисаи таълимӣ ирсол карда мешавад.

7. Муассисаи таълимӣ баъди аз мақоми ҷумҳуриявии идораи давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ гирифтани иҷозат барои кушодани ихтисоси нав расман тибқи тартиботи муқарраргашта ба мақоми дахлдор оид ба аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ барои гирифтани иҷозатнома ё литсензия оид ба пешбурди кори таълимӣ аз рӯи ихтисоси мазкур муроҷиат менамояд.

8. Татбиқи ихтисоси нав дар муассисаи таълимӣ баъди аз ҷониби муассисаи таълимӣ гирифтани иҷозатнома ё литсензия оид ба пешбурди кори таълимӣ аз рӯи ин ихтисос аз аввали соли хониш амалӣ карда мешавад.